**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи “Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда мешавад.**

Диссертатсияи Сафаров И.Н дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи сохтор ва мазмун ҷавобгӯи талаботи таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мавзуи таҳқиқот дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои таҳлили ҷанбаҳои методологии ташаккул ва такмили низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити бозор нигаронида шудааст.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот тавонистааст як қатор масъалаҳои муҳим, аз қабили ошкор намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва механизми татбиқи маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ, таҳлили маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани воситаҳои беҳтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва инчунин, роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар ин самтро пайдо намуда, онро дар кори илмии худ нишон диҳад.

Дар боби якум, муаллиф ҷанбаҳои назариявию методологии маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ, хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ ва механизми татбиқи он, инчунин нақши ҳавасмандгардонии давлатӣ дар рушди иқтисоди миллиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Албатта, ин бахш ба таҳкими заминаи назариявӣ мусоидат мекунад.

Боби дуюм ба таҳлил ва арзёбии воқеии равандҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф вазъи кунунӣ, омилҳои таъсиррасон ва самаранокии иқтисодии маблағгузорӣ дар шароити миллро таҳлил намудааст, ки ин ҷиҳати амалии таҳқиқотро тақвият медиҳад ва ба татбиқи он мусоидат менамояд.

Инчунин, дар боби сеюм роххои такмил ва бехтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳод гардида, накши давлат дар рушди ин раванд асоснок карда шудааст. Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳамчун тавсияҳои амалии сиёсати иқтисодӣ истифода шаванд.

Ҳамин тариқ кори диссертатсионӣ дорои сохтори мантиқӣ, асосноккунии назариявӣ ва таҳлили амалӣ буда, бо таклифу пешниҳодҳои муфид анҷом ёфтааст. Аз рӯйи сатҳи иҷроиш, муҳтавои илмӣ ва аҳамияти амалии он метавон гуфт, ки кор ба талаботи таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод кардан қобили қабул мешуморем.

Диссертатсияи Сафаров Илхом Нурмаҳматович дар мавзуи "Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талабот ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
и.в. профессори кафедраи
иқтисодиёти ҷаҳони ДДМИТ Содиқов М.С.

Имзои Содиқов М.С.-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

22.05.2025с.